**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати Каримов Қадриддин Облобердиевич дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ақидаҳои маорифпарварии Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – фалсафа (6D020102 - Таърихи фалсафа)**

Масъалаи фалсафаи маориф яке аз ҷанбаҳои асосии таҳқиқот дар илми ҷомеашиносии муосир ба шумор меравад. Бахусус, таҳлили ин падидаи илмӣ барои халқу миллатҳое, ки таърихи куҳан ва ғанӣ доранд, дар замони ҳозира бениҳоят муҳим ва зарур мебошад. Миллати тоҷик, бешубҳа, ба қатори чунин мардуми олами мутамаддин дохил мешавад ва омӯзиши ғояҳои фаласафаи маориф дар осори маорифпарвари франсавӣ Жан Жак Руссо ва файласуфу педагог Аҳмади Дониш дида мешавад. Масъалаҳои бузурги омӯзиши онҳо ин дарки мафҳуми инсон, системанок ба роҳ мондани раванди таълиму тарбия ва ба камол расонидани инсон, таъсиси оила ва риояи талаботи никоҳ, таъсиси ҷомеа ва риояи принсипҳои адолат ва баробарии иҷтимоӣ ҳангоми иҷро кардани усулҳои идоракунии давлат, дар маҷмуъ муносибати инсон нисбат ба табиат ва моҳияти худ ҷиҳати пайдо кардани ҷойгоҳи мувофиқ дар раванди муносибатҳои иҷтимоӣ ва ғайра ном гирифта мешавад, ки аз саривақтӣ ва мубрамияти мавзуи интихобнамудаи Каримов Қадриддин Облобердиевич дарак медиҳад.

Бешубҳа таҳқиқоти маънавии Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш барои бартараф намудани муаммо ва мушкилоти донишҳои муосир мусоидат менамояд, зеро таълимоти ин мутафаккирон мавқеи ратсионалистӣ дошта, эътиқодашон ба қудрати бунёдии ақл равона шудааст.

Мазмуни автореферат шаҳодати он аст, ки муаллиф бо сарчашмаҳои илмии ба паҳлуҳои дигари ин масъала бахшида шуда, хуб шинос мебошад ва ба мазмуни онҳо дуруст сарфаҳм рафтааст. Ҳадаф, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот дуруст муайян гардидааст ва навгонии таҳқиқот мушаххас қайд шуда, онҳо ягон шубҳаро ба вуҷуд намеоранд.

Нуктаҳои асосие, ки барои ҳимоя аз ҷониби унвонҷӯ пешниҳод гардиданд, муназзам буда, муҳтавои мухтасари қисматҳои диссертатсияро инъикос мекунанд.

Таҳқиқоти барои ҳимоя пешниҳод намудаи Каримов Қадриддин Облобердиевич аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Бобҳо ва зербобҳои дар онҳо ишорагардида мантиқан бо ҳам пайваст мебошанд ва дар умум, кори таҳлилии ягонаро пеши назар меоранд. Номгузории қисматҳои диссертатсия аз лиҳози илмӣ ба талабот мувофиқ буда, ҳар яке аз онҳо ба ҷанбаҳои бо ҳам алоқаманди масъалаи ғояҳои фаласафаи маориф дар Аврупо ва Шарқ бахшида шудаанд.

Вобаста ба моҳият ва мазмуни мавзуъ тасдиқ намудан мумкин аст, ки кори дисертатсионии Каримов Қадриддин Облобердиевич илман таҳқиқ гашта, ба ҳадаф расидааст. Дар он масъалаи ақоиди фалсафаи Ғарбу Шарқ дар бунёди арзишҳои маорифпарварӣ дарҷ гардидааст. Умуман, диссертатсия дар дараҷаи кифоятан баланди илмӣ навишта шуда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯст ва муаллифаш барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 - фалсафа (6D020102 –Таърихи фалсафа) сазовор аст.

Тақриздиҳанда:
н.и.фалсафа, дотсенти кафедраи
фалсафа ва сиёсатшиносии
ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур Раҳматов У. Н.

Суроғаи: индекс: 734003,
Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 146.
Тел: (+9927) 904 56 75 95

Имзои н.и.фалсафа, дотсент У.Н.Раҳматов -ро
тасдиқ мекунам: Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ
ва кадрҳои Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи
Шириншоҳ Шоҳтемур Қурбонзода А.Х.

12.06.2025